**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Саидова Баргигул Мирзоевна дар мавзуи "Истилоҳоти тиббӣ дар "Донишнома"-и Ҳаким Майсарӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 –Забоншиносӣ (10.02.01 - Забони тоҷикӣ)**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи вожа ва истилоҳоти тиббии асрҳои IX-X дар заминаи "Донишнома"-и Ҳаким Майсарӣ аз масоили муҳим ва саривақтии таҳқиқоти лигвистии забони тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, давраи ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии ин соҳаи муҳими забони тоҷикиро инъикос мекунад.

Саидова Б.М. соли 1986 ба ДДОК дохил шуда, онро соли 1991 аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Дар давоми фаъолияти тулонии меҳнатиаш худро чун мутахассиси пешрафта ва дорои малакаҳои хуби маърифативу пажӯҳишӣ дар муҳити илмиву донишгоҳӣ муаррафӣ намудааст.

Кори диссертатсионии Саидова Б.М. аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дуруст муайян кадра шудааст.

Боби якуми диссертатсия "Омӯзиши истилоҳоти тиббӣ дар забоншиносӣ" ба таҳлили масъалаи назарии таҳқиқи истилоҳоти тиббӣ дар забоншиносии умумӣ, масоили назарии таҳқиқи истилоҳоти тиббӣ дар забоншиносии тоҷик, қадимтарин осори илмии тиббӣ дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия "Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тиббӣ дар "Донишнома"-и Ҳаким Майсарӣ"унвон гирифта, ба сохтори истилоҳоти тиббӣ дар ин асар бахшида шуда, дар он истилоҳоти сода, истилоҳоти сохта, истилоҳоти мураккаб, истилоҳоти таркибӣ, ибораистилоҳҳои тиббӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтааст.

Дар боби сеюми диссертатсия "Истилоҳоти тиббӣ аз лиҳози мансубияти забонӣ дар "Донишнома"-и Ҳаким Майсарӣ"номгузорӣ шуда, дар он мансубияти истилоҳоти тиббӣ ба забонҳои гуногун ва вижагиҳои онҳо баррасӣ гардидааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Саидова Б.М. дар мавзуи "Истилоҳоти тиббӣ дар "Донишнома"-и Ҳаким Майсарӣ" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 –Забоншиносӣ (10.02.01 - Забони тоҷикӣ) пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Қосимов О. Ҳ.

«20» майи соли 2025

Нишонӣ: 734019,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Испечак-2, М 16, бинои 8, хуҷраи 58.
Тел.: 937693333; email: olimjonk @yandex. ru

Имзои Қосимов Олимҷон Ҳабибовичро тасдиқ менамоям:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, к.Ф.Муҳаммадиев 17/6.
(+992) 37-232-5000;
rectorat.dbzkht.tj@mail.ru